**Пешниҳод (Оферта)-и оммавӣ**

**Оид ба истифодабарии хизматрасониҳои Ҷамъияти саҳомии Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" дар доираи хизматрасонии қарзи осон (овердрафт) ба шахсони воқеъи**

Офертаи мазкури **ҶСП ТАҚХ «Ҳумо»** (минбаъд дар матн - Оферта) ба доираи номуайяни шахсони воқеие, ки рақами муштарии ҷудошударо дар асоси Шартномаи хизматрасонии алоқаи радиотелефонӣ бо оператор (Шартномаи муштарӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд, ки минбаъд дар матн **«Муштарӣ»** номида мешаванд, ба роҳ монда шуда, пешниҳоди расмии **Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ТАҚХ «Ҳумо»** (Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон аз 24.05.2017 сол) оид ба бастани Шартномаи хизматрасонии бонкӣ, дар доираи хизматрасонии **"Қарзи осон (овердрафт)"** (минбаъд дар матн - Шартнома) бо шартҳои зерин мебошад:

## 1. ИСТИЛОҲОТ ВА МАФҲУМҲО

**Мизоҷ —** шахси воқеӣ (шаҳрванд) буда, бо Оператор шартномаи хизматрасонии алоқа бастааст, ки дар асоси он ба ӯ рақами муштарӣ вогузорӣ карда шудааст ва ҳуқуқи истифодабарии Хизматрасонии **«Қарзи осон (Овердрафт)»** ба воситаи анҷомдиҳии амалҳои конклюдентии ба қабули Шартҳои хизматрасонии Оператор ва Офертаи ТАҚХ равонакардашуда дода шудааст.

**Дастгоҳи муштарӣ** — таҷҳизоти (интиҳоии) қонунӣ истифодашавандаи Муштарӣ мебошад, ки он ба Муштарӣ тавассути пайваст намудани таҷҳизоти мазкури интиҳоӣ ба шабакаи алоқаи Оператор, дастрасӣ ба хизматрасониҳои Оператор таъмин менамояд.

**Аксепт** — розигӣ ба пардохт. Аксепт бояд пурра ва бечунучаро бошад, лаҳзаи қабули шартҳои Аксепт ҳангоми розигӣ бо Оферта эътироф карда мешавад.

**ҶСП ТТ «Мобайл» (бренди Мегафон Тоҷикистон), минбаъд Оператор -** шахси ҳуқуқиест, ки оператори алоқа буда, хизматрасонии алоқаи фаъоли радиотелефониро дар асоси Иҷозатномаи даҳдор пешниҳод менамояд.

**Шартнома** - шартномаи хизматрасонии бонкӣ, дар доираи хизматрасонии **«Қарзи осон (Овердрафт)»** (минбаъд дар матн Шартнома)

**ҶСП ТАҚХ «Ҳумо»** — Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Ҳумо», ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси Оферта ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро бо супориши шахсони воқеӣ бо кушодани суратҳисоби бонкӣ бо мақсади пешниҳоди Хизматрасонӣ ба Муштариён (минбаъд - ТАҚХ) анҷом медиҳад.

**Офертаи ҶСП ТАҚХ «Ҳумо»**— пешниҳоди оммавии мазкури ҶСП ТАҚХ «Ҳумо» ба Муштариён равонакардашуда оид ба бастани шартномаи оид ба анҷомдиҳии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо супориши шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ бо мақсади пешниҳод намудани ба Муштарӣ имконияти амалӣ намудани Пардохтҳо тавассути афзоиши Бақияи пулҳои электронии Муштарӣ аз ҳисоби маблағҳои пулии худ, ки пешпардохт барои хизматрасонии алоқа мебошанд.

**Овердрафт (изофабардошт)** – амалиёте, ки дар асоси шартномаи байни Ташкилот ва мизоҷ ҳангоми норасоии муваққатии маблағҳои пулӣ дар бақияи суратҳисоби мизоҷ ба миён омада, ба мизоҷ бо шартҳои муайян барои истифода бурдани маблағҳои пулии Ташкилот имконият медиҳад;

**Ҳудуди овердрафт** – маблағи максималии имконпазире, ки аз ҷониби Ташкилот барои истифодабарӣ дар ҳисоби бонкии мизоҷ муқаррар шудааст;

**Овердрафти истифодашуда** – маблағҳои пулие, ки аз тарафи мизоҷ дар доираи ҳудуди маблағи овердрафтии дар Офертаи мазкур муқарраршуда истифода бурда шудаанд;

**Овердрафти истифоданашуда** – маблағи истифоданашудае (озод), ки мизоҷ дар доираи ҳудуди маблағи овердрафти дар офертаи мазкур муқарраршуда имконият дорад истифода намояд;

**Ухдадориҳо** – ҳамаи маблағҳои пулие, ки дар доираи офертаи мазкур, мизоҷ бояд ба Ташкилот пардохт намояд, аз ҷумла маблағи овердрафти истифодашуда, ҳаққи хизматрасонӣ ва ҷарима;

**Муроҷиаткунанда** – шахсе аст, ки бо яке аз услубҳо, ба монанди ирсол намудани смс-паёмак, занги телефонӣ, USSD фармоиш,  аризаи хаттии аслӣ, нусхаи он ва/ё акси он, ба Ташкилот барои гирифтан, тағйир додан ва/ё хомуш кардани маҳсули бонкие дархост кардааст.

**Агент** – Оператори алоқаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти қарзӣ нест, ки хизматрасонии мобилии радиофониро дар асоси Литсензияи дахлдор, мерасонад ва аз ҷониби Ташкилот барои ба анҷом расонидани амалиётҳои муайян ҷалб карда шудааст.

**Тавозуни шахсии Муштарӣ** – тавозуне, ки дар Шабакаи Агент инъикоси ҳисобдорӣ ва ҳаракати ҳисоббаробаркунӣ, инчунин амалиётҳои марбут ба ҳисоби хароҷоти хизмати алоқаи агент, ки ба Муштарӣ ва пардохти онҳо дода шудааст ва бо рақамҳои муайян пайваст карда шудааст, мебошад.

**Интиқол —** амалҳои ТАҚХ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи пардохтҳои ғайринақдӣ доир ба пешниҳоди маблағҳои Муштарӣ ба маблағгирандаи он дар асоси Супориш барои пардохт.

**Пардохт** — амалҳои Муштарӣ, ки ба тартиб додани Супориш барои пардохти Хизматрасониҳои Муассисаи тиҷоратии хизматрасонӣ дар доираи Хизматрасониҳо равона карда шудаанд, инчунин амалҳои Муштарӣ, ки ба интиқоли маблағҳо ба шахси воқеии ба фаъолияти соҳибкорӣ ё таҷрибаи хусусӣ вобастанабуда равона карда шудаанд. Пардохтҳо дар ҳудуди маҳдудиятҳои барои маблағҳои электронии пардохт кушодашаванда, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» муқаррар гардидаанд, инчунин дар ҳудуди меъёрҳои муқаррарнамудаи Оператор сурат мегиранд.

**Шарики ТАҚХ -** шахси ҳуқуқӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ, ки таъминкунандаи хизматрасонӣ (мол) мебошад ва ҳуқуқи қабул намудани Пардохтҳо аз Мушатриён барои хизматрасониҳо (молҳо)-и пешниҳодгардида тибқи Шартномаи муштарӣ, ки бо ӯ ТАҚХ Шартномаи агентӣ бастааст, дорад.

**Тарофаҳо -** шартҳое, ки андозаи маблағи комиссияро, ки барои Хизматрасонӣ ҳангоми амаликунии Пардохт аз ҷониби Муштарӣ пардохта мешавад, муқаррар менамоянд. Тарофаҳои амалкунанда дар сомонаи ТАҚХ ҷойгир карда шудаанд ва қисми ҷудоинопазири Шартнома мебошанд.

**Сарфи барзиёди техникӣ —** амаликунии Пардохт аз ҷониби Муштарӣ ба маблағе, ки аз андозаи Бақияи пулҳои электронӣ зиёд мебошад, вақте ки ин дар натиҷаи хатогии техникии ТАҚХ ва ё бо ҳар дигар сабаб имконпазир гардид.

**SMS (Short Message Service)** - технологияи мубодилаи маълумот дар шакли паёмҳои электронӣ (паёмҳои кӯтоҳи матнӣ) дар шабакаи алоқаи фаъол бо истифодаи Таҷҳизоти муштарӣ (чӣ тавре, ки ин бо стандартҳои хизматрасониҳои алоқа муайян карда шудааст).

**Суратҳисоби бонкӣ** - суратҳисоби бонкии муштарӣ бо пули миллӣ, ки дар ТАҚХ кушода шуда, дар он бақия ва гардишҳои маблағҳои пулии муштарӣ инъикос мегардад;

**Шартномаи суратҳисоби бонкӣ** - шартномаест, ки мутобиқи он ТАҚХ уҳдадор мешавад маблағҳои пулии ба суратҳисоби бонкии муштарӣ - молики суратҳисоб воридшавандаро қабул кунад ва гузаронад, супориши муштариро оид ба пардохт ва додани маблағҳои дахлдор аз суратҳисоби бонкӣ ва гузаронидани амалиётҳои дигар аз рӯи суратҳисоби бонкӣ иҷро намояд;

**Ҷамъоварии маълумоти шахсӣ** - амалҳои ба гирифтани маълумоти шахсӣ равонагардида;

**Коркарди маълумоти шахсӣ** - амалҳое, ки ба сабт, мураттабсозњ, нигоҳдорӣ, тағйирдиҳӣ, такмил, гирифтан, истифода, паҳнкунӣ, бехусусияткунонӣ, бастан ва нобудсозии маълумоти шахсӣ равона гардидаанд;

**Истифодаи маълумоти шахсӣ** - амалҳо бо маълумоти шахсӣ, ки барои амалишавии фаъолияти доранда, оператор ва шахси сеюм равона гардидаанд;

**WEB-сомонаи Оператор** — WEB-сомонае, ки дар шабакаи Интернет бо суроғаи, http://www.megafon.tj ҷойгир карда шудааст.

**WEB- сомонаи ТАҚХ -** WEB- сомонае, ки дар шабакаи Интернет бо суроғаи электронии http://humo.tj ҷойгир карда шудааст.

## 2. ТАРТИБИ БАСТАНИ ШАРТНОМА

2.1. Ҳар Муштарие, ки шахси воқеӣ буда, аз хизматрасониҳои Агент истифода мебаранд ва

нисбати ӯ аз ҷониби Агент шартномаи дахлдори байни онҳо басташуда ва меъёрҳои қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди хизматрасонии алоқа (рақами муштарӣ) боздошт карда нашудааст, метавонад шартҳои Офертаро қабул намояд.

2.2. Шартнома дар натиҷаи иҷрои амалҳои конклюдентӣ, ки дар аксепти оферта ва тартибдиҳии Супориш барои пардохт ифода ёфтааст, басташуда ба ҳисоб меравад. Чунин амалҳо барои амалигардонии Пардохт шарти ҳатмӣ буда, ҳамчун розигии пурра ва бечунучарои Муштарӣ бо Оферта ҳисобида мешаванд.

2.3. Шарти зарурӣ барои тасдиқи аксепт ва анҷомдиҳии амалиётҳои дигар ин истифодабарии аз ҷониби Муштарӣ рақами муштарии аз ҷониби Оператор барои мубодилаи иттилоот (бо тасдиқномаҳо) ҷудо кардашуда мебошад.

2.4. Шартнома дорои маълумоти зерин мебошад:

- оид ба фаъолияти Ташкилоти қарзии хизматрасон (ТАҚХ);
- оид ба андозаи подош ва тартиби ситонидани он дар сурате, ки агар он бо Тарофаҳо пешбинӣ шуда бошад;
- оид ба усулҳо ва тартиби пешниҳоди хизматрасонӣ;
- оид ба усулҳои пешниҳоди маблағ аз ҷониби ТАҚХ бо мақсади зиёд намудани пешпардохти ҳаққи хизматрасонии мобилӣ;
- оид ба тартиби истифодабарӣ ва коркарди маълумотҳои шахсӣ;

## 3. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНӢ

3.1. Хизматрасонии мазкур кушодан ва пешбурди ҳисоби бонкӣ ва шартҳои пешниҳоду истифодабарии маблағро дар бар мегирад, ки ба муштари имконияти анҷомдиҳии амалиёти пардохтию ҳисобӣ инчунин бо фармоиши фосилавӣ ва гирифтани пули накдиро медиҳад.

3.2.Ташкилот ба Мизоҷ ба меъёри муайян овердрафтро бо шартҳои дар офертаи мазкур овардашуда пешниҳод менамояд. Меъёр наметавонад аз 50(панҷоҳ) сомонӣ кам ва аз 1000 (як ҳазор) сомонӣ зиёд бошад.

3.3. Дар доираи маҳсулоти “Қарзи осон” мизоҷ ба воситаи таҷҳизоти мобилии худ ба агенти Ташкилот фармоишро дар намуди USSD – команда андозаи ҳудуди овердрафти худро муайян менамояд. Бо ирсол намудани USSD – командаи навбатӣ аз доираи ҳудуди овердрафт маблағи мегирифтаашро фармоиш медиҳад.

3.4. Мизоҷ маблағи гузаронидашударо тибқи салоҳдиди худ дар доираи шартномаи мизоҷ ва Агент басташуда истифода менамояд.

## 4. Тартиби истифодабари коркард, нигоҳдории маълумотҳои шахсӣ

4.1. ТАҚХ, ки ба маълумоти шахсии дорои дастрасии маҳдуд дастрасӣ пайдо намудааст, махфияти онро бо роҳи риояи талаботи роҳ надодан ба паҳн гардидани он бе розигии субъект ё намояндаи қонунии ӯ таъмин менамоянд.

4.2. ТАҚХ ва шахсони сеюме, ки дар асоси розигии субект ба онҳо маълумоти шахсии дорои дастрасии махдуд дар робита бо эҳтиёҷоти хизматӣ, маълум гардидааст, уҳдадоранд махфияти онро таъмин намоянд.

4.3. Розигии мазкур барои мақсадҳои зерин дода мешавад: коркарди маълумот барои муайян намудани ҳолати қарздории мизоҷ, пешниҳоди маълумот ба Агенти ТАҚХ, инчунин ба аз ҳар бюрои қарзӣ барои муайян намудани ҳудуди гирифтани маблағи қарзӣ ва ба маълумоти зерин паҳн мегардад: насаб, ном, номи падар, сол, моҳ, сана ва ҷинс, маълумотҳои шиноснома ва дигар маълумотҳои ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, суроға (қайд, ҷои истиқомати воқеӣ), акси сурат, вазъи оилавӣ ва молу мулкӣ, сатҳи маълумот, касб, маълумот дар бораи шуғл, даромаду хароҷот, рақами телефон (мобилӣ, статсионарӣ, корӣ) (минбаъд – Маълумоти шахсӣ).

4.4. Зери коркарди Маълумоти шахсӣ анҷомдиҳии аз ҷониби ТАҚХ амалиётҳо бо Маълумоти шахсӣ, аз ҷумла ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ, андӯхт, нигоҳдорӣ, аниққунӣ, истифодабарӣ, интиқол, боздорӣ, нобудсозӣ дар системаҳои иттилоотии ТАҚХ фаҳмида мешавад.

4.5. Розигии мазкур ба мухлати номаҳдуд эътибор дорад, ва метавонад ҳар вақт бо роҳи ирсоли дархости хаттии дахлдор ба ТАҚХ бозхонд карда шавад.

4.6. Дар сурати бозхонди розигии мазкур барои коркарди маълумоти шахсии худ ТАҚХ уҳдадор аст коркарди Маълумоти шахсиро қатъ намояд ва онҳоро дар мухлати на зиёда аз 30 рӯзи

тақвимӣ аз рӯзи қабули чунин дархост, ғайр аз маълумоти зарурӣ барои нигоҳдорӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ нобуд созад.

4.7. ТАҚХ ҳуқуқ дорад Маълумоти шахсиро ба ташкилотҳое интиқол намояд, ки ба ТАҚХ хизматрасониҳои оид ба муаяйн намудани ҳолати қарздории мизоҷро муайян менамояд, ки барои коркарди маълумоти шахсӣ пешбинӣ шудаанд, пешниҳод менамоянд.

4.8. Мизоҷ шинос мешавад, ки коркарди Маълумоти шахсӣ бо истифода аз усулҳои асосии зерини коркарди Маълумоти шахсӣ анҷом дода мешавад: автоматикунонидашуда ва ғайриавтоматӣ.

4.9. Ҳамчунин Мизоҷ ба ТАҚХ розигӣ медиҳад, ки дар ҳар Бюрои таърихи қарзӣ ҳисоботҳои қарзиро, ки дар асоси таърихи қарзиашбо мақсади қабул намудани аз ҷониби ТАҚХ қарори оид ба имконияти пешниҳод намудани қарз (муқаррар намудани меъёри қарздиҳӣ)/тартиб додани аз ҷониби ТАҚХ пешниҳодҳои шахсӣ оид ба қарздиҳӣ, инчунин бурдани ҳисобот оид ба шахсони бо ТАҚХ алоқаманд таҳия гардидаанд, қабул намояд.

## 5. ТАЪМИНОТИ ОВЕРДРАФТ

5.1. Шартномаи мизоҷ, ки дар доираи шартномаи суратҳисоби бонкӣ фаъолият менамояд, ҳамчун таъминот ба шартномаи мазкур баромад мекунад;

5.2. Ухдадориҳои мизоҷ аз рӯи Овердрафт аз лаҳзаи пайдоиши он ба вуҷуд меояд;

## 6. ҲАҚҚИ ХИЗМАТРАСОНӢ БАРОИ ИСТИФОДАИ ОВЕРДРАФТ

6.1. Меъёри ҳаққи хизматрасонӣ аз рӯи маҳсули қарзии Овердрафт барои мизоҷон аз ҳар як амалиёти дархости қонеъшуда, ки ҳангоми аз суратҳисоб хориҷ гардидани маблағ гирифта мешавад, тибқи тарофаҳои Ташкилот муайнгардида ситонида мешавад.

6.2. Ҳисоби ҳаққи хизмат аз руи маблағи Овердрафти бо дархост қонеъшуда, ки дар суратҳисоби овердрафтии мизоҷ инъикос мегардад, ҳисоб карда мешавад.

6.3. Хатти қарзии Овердрафт дар доираи муҳлати амали шартномаи суратҳисоби бонкӣ амал менамояд.

6.4. Маблағи овердрафт дар доираи ҳар як дархости қонеъгардидаи мизоҷ ба мӯҳлати 30 рӯзи тақвими кушода мешавад ва дар давоми ҳамин муддат барои рӯзҳои истифодаи Овердрафт фоизи иловагӣ ва ё ҷарима ҳисоб карда намешавад.

6.5. Аз рузи 31 –юми тақвими маблағи овердрафт ҳамчун ба таъхирафтода ҳисоб мешавад.

6.6. Дар ҳолати ба таъхир афтодани маблағи овердрафт, аз маблағи пардохтнагардида бо меъёри фоизи дар шартномаи хизматрасонӣ муайянгардида ҷарима ҳисоб карда мешавад.

6.7. Ҳисоби ҷарима барои рӯзҳои батаъхирафтода аз тарафи Ташкилот ҳаррӯза ҳисоб карда мешавад;

6.8. Ҳангоми ворид гаштани маблағи пулӣ ба суратҳисоби мизоҷ, Ташкилот araввал маблағҳои воридгаштаро барои пардохти ҷарима (агар чунин ҳисоб шуда бошад) ва баъдан барои пардохти маблағи асосии овердрафт равона менамояд (агар дигар тартиби навбати пардохотҳо бо розигии тарафҳо пешбини нашуда бошад);

6.9. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи истифодашавии маблағи овердрафт ин руйнависи ҳисоб ва/ё смс-хабарҳои Ташкилот мебошад.

## 7. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ ОВЕРДРАФТ ВА ҶАРИМАИ ҲИСОБШУДА БАРОИ ИСТИФОДАИ ОВЕРДРАФТ

7.1. Муҳлати пардохти овердрафт даврае, ки аз рузи истифодаи овердрафт ҳисоб карда шуда тибқи шартҳои шартнома пардохт карда мешаванд, вале на дертар аз муҳлати ниҳоии ҳудуди муқарраргардида тибқи шартнома муайянгардида сурат мегирад;

7.2. Ситонидани ухдадориҳои овердрафтӣ ба сифати маблағи овердрафти истифодашудае, ки аз тарафи Ташкилот иҷро мегардад ( ҷарима ва маблағи овердрафт), ба таври беаксептӣ (бидуни пурсиш) аз суратҳисоби мизоҷ ба таври ғайринақдӣ амалӣ гардонида мешаванд;

7.3. Уҳдадории мизоҷ, ки то охири санаи анҷоми муҳлати муқарраршуда пардохти Овердрафти истифодашуда амалӣ нагаштаанд, батаъхирафтода ҳисобида шуда, гузаронидани уҳдадориҳои овердрафтӣ ё ҷаримаи ҳисобшуда ба суратҳисоби батаъхирафтодаи мизоҷ гузаронида мешавад;

7.4. Дар сурати саривақт то муҳлати муқарраргардида пардохт накардани уҳдадорӣ аз тарафи мизоҷ (маблағи овердрафти истифодашуда), меъёри ҷаримаи батаъхирафтода, тибқи талаботҳои муқаррагардидаи банди 4.6.-и шартномаи мазкур, ҳамчун "пардохт барои уҳдадориҳои батаъхирафтода барои истифодаи Овердрафт" барои тамоми давраи батаъхир гузоштани уҳдадорӣ ҳисоб карда мешавад;

7.5. Маблағи овердрафт ва ҷаримаи дар доираи муҳлати батаъхирафтода ҳисобшуда аз руи "Овердрафт барои мизоҷон ҳангоми воридшавии маблағ ба суратҳисоби мизоҷ, пардохт карда мешавад;

7.6. Мизоҷ маблағи овердрафт ва ҷаримаи дар доираи муҳлати батаъхирафтода ҳисобшударо тариқи накдӣ ё ғайринакдӣ пардохт менамояд ё Ташкилот аз дигар суратҳисобҳои бонкии Мизоҷ меситонад;

7.7. Ташкилот барои маблағҳои пулие, ки аз ҷониби мизоҷ ба шахсони сеюм (аз он ҷумла Агент) ё кормандони Ташкилот бе ҳуҷҷати тасдиқкунанда барои пардохти овердрафт дода шудааст, ҷавобгар нест.

## 8. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Ташкилот

8.1. Ташкилот ҳуқуқ дорад:

8.1.1. Дар ҳолати расидани муҳлати пардохти овердрафт ва ҷаримаи дар доираи муҳлати батаъхирафтода ҳисобшуда ва инчунин аз ҷониби Мизоҷ вайрон кардани шартҳои Шартномаи мазкур, бо тариқи беаксепти (бидуни пурсиш) аз ҳисоби Мизоҷ маблағи дар ҳамон лаҳза ҳисобшударо ситонад. Ҳангоми ситонидани маблағҳои дар суратҳисобҳои асъори хориҷи/миллии ҷойгиршуда, маблағҳои асъори хориҷӣ/миллӣ бо қурби хариду фурӯши асъори хориҷии муқаррарнамудаи Ташкилот дар рӯзи амалиёт ба асъори милли/хориҷи мубаддал (фурӯши маблағҳои асъори хориҷи/милли) карда мешавад. Хароҷоти марбут ба мубаддал (фурӯши асъорӣ хориҷӣ/миллӣ) аз ҳисоби Мизоҷ анҷом дода мешавад;

8.1.2. Дар ҳолати саривақт пардохт накардани уҳдадориҳо тибқи шартномаи мазкур аз ҷониби Мизоҷ, Ташкилот ҳуқуқ дорад барои ҳар рӯзи таъхир, меъёри ҷаримаи маблағи овердрафтро тибқи банди 4.6.-и шартномаи мазкур ҳисоб намояд;

8.1.3. Дар ҳолати саривақт пардохт накардани уҳдадориҳо тибқи Шартномаи мазкур аз ҷониби Мизоҷ, ҷаримаи ҳисобшуда ва инчунин маблағи овердрафтро, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, яктарафа рӯёнад;

8.1.4. Дар ҳолати саривақт иҷро накардани уҳдадорӣ ба корфармои Мизоҷ бо мактуби расмӣ муроҷиат намояд;

8.1.5. Шартҳои шартномаи мазкур ва ҳуҷҷатҳои ба он вобастаро яктарафа бо роҳи ҷойгир намудани он 10 рӯз пеш аз роҳандозӣ намудан дар сомонаи Ташкилот бо суроғаи www. humo.tj тағйир диҳад ва ё қатъ намояд.

8.2. ТАШКИЛОТ уҳдадор мешавад:

8.2.1. Мутобиқи шартномаи мазкур ба суратҳисоби мизоҷ овердрафт кушояд ва ҳудуди онро тибқи шартномаи мазкур муайян намояд;

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои МИЗОҶ:

8.3. Мизоҷ ҳуқуқ дорад:

8.3.1. Пеш аз муҳлат маблағи овердрафтро пардохт намояд.

8.3.2. Дар ҳолати рози набудан бо шартҳои нави шартнома (банди 6.1.5) ба Ташкилот барои қатъ намудани амали шартномаи мазкур муроҷиат намояд. Дар ҳолати дар давоми 10 рӯзи муқарраршуда муроҷиат накардан, розигии мизоҷ аз тарафи Ташкилот гирифташуда ҳисобида мешавад.

8.4. Мизоҷ уҳдадор мешавад:

8.4.1. Пардохти саривақтии уҳдадориҳои Овердрафтиро тибқи талаботҳои шартномаи мазкур, таъмин намояд;

8.5. Хавфи асъории ба амал омадаро ба пуррагӣ ба уҳдаи худ гирифта, маблағи уҳдадориҳоро тибқи банди 8.1.1.-и шартномаи мазкур, пардохт намояд;

8.6. Маблағи овердрафтро дар доираи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода намояд.

## 9. ШАРТҲОИ ИЛОВАГӢ

9.1. Ҳамаи дигар ҳолатҳое, ки дар офертаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд;

9.3. Дар ҳолати пайдоиши баҳс байни Тарафҳо, ки аз рӯи офертаи мазкур бармеоянд, Тарафҳо ҳамаи чораҳоро доир ба ҳалли он андешида, баҳсҳоро бо роҳи гуфтушунид ҳал менамоянд, дар акси ҳол баҳсҳо мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

9.4. Қабули шартҳои Офертаи мазкур аз санаи истифодаи хизматрасонии овердрафт эътироф мегардад.